Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 130 (4713) | ЧОРШАНБЕ, 1 НОЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# ИФТИТОҲИ ҲАФТ КОРХОНАИ САНОАТӢ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Субҳи 31 - уми октябри соли 2023 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе ба хотири истиқболи сазовор аз Ҷашни умумимиллии 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, дар доираи «Солҳои рушди саноат» ва барои амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати мамлакат 7 корхонаи калони саноатӣ бо беш аз 4000 ҷойи корӣ мавриди истифода қарор дода шуд.**



Дар оғоз Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Гулистони Душанбе»-ро баъди азнавсозӣ ифтитоҳ намуданд.

Дар иншооти истеҳсолӣ барои иҷрои супоришҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи амалӣ шудани ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе технологияи муосир насб гардида, дастгоҳу таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ дар давоми солҳои 2022-2023 аз Ҷопон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Италия, Чин, Англия, Федератсияи Россия ва Туркия ворид шудааст.

Баъди азнавсозӣ фаъолияти 3 хатти нави технологии ҳозиразамон дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Гулистони Душанбе» ба роҳ монда шуд, ки дар онҳо пиҷакҳои мардона ва занона, шим ва куртаҳо дӯхта мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иҷрои нақшаҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо барои зиёдшавии теъдоди иншооти саноатӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, ба ҷойи кор фаро гирифтани аҳолӣ ва рушди бахшҳои иқтисодию иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ карданд.

Баъди навсозӣ дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Гулистони Душанбе» бори аввал истеҳсоли шиму костюми мардонаю занона бо истифода аз технологияи ҳозиразамони ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба роҳ монда шуд.

Дар натиҷаи навсозии пурраи қитъаҳои омодакунӣ, поракунӣ, таҷрибавӣ, дӯзандагӣ, ворид намудани таҷҳизоти муосири техникӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандон шароити мусоид барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва таҳкими фаъолияти корхона фароҳам шуд. Бо васеъ гардидани имконияти корхона барои содироти молу маҳсулот бо ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ шартномаҳои ҳамкорӣ баста мешавад.

Бо истифода аз иқтидори техникӣ Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Гулистони Душанбе» имкон дорад дар як сол то 2 миллион либоси махсуси корӣ барои фаслҳои тобистону зимистон, шиму костюм, либоси мактабӣ, варзишӣ, курта ва рахти хоб, дар маҷмуъ 250 номгӯйи маҳсулот, истеҳсол намояд. Дар сурати зиёд шудани фармоиш корхона имкон дорад, ки истеҳсоли маҳсулотро аз ин ҳам зиёд кунад.

Баъд аз навсозӣ дар корхона 230 ҷойи кории иловагӣ таъсис гардида, дар маҷмӯъ ба 470 ҷойи корӣ расонида шуд. Дар сурати дар се баст ба роҳ мондани фаъолияти корхона то 1200 ҷойи корӣ муҳайё гардида, он барои амалишавии фарогирии шумораи ҳар чӣ бештари шаҳрвандон ба ҷойи кор мусоидат мекунад. Инчунин, барои кормандон нақлиёти хизматӣ пешбинӣ шудааст.

Дар корхона таҷҳизоти лазерӣ барои ҳаккокӣ дар матоъ, сканер барои ба таври худкор гирифтани андозаи либос, хатти технологӣ иборат аз 145 таҷҳизоти махсус барои дӯхт, дарзмолкунӣ, бандубаст ва хушкашӯии кимиёвии либос ворид ва насб карда шудааст. Ин имкон фароҳам овард, ки ҳар як амалиёти дӯхти либос бо истифода аз таҷҳизоти алоҳидаи худкор ба роҳ монда шавад, ки дар Тоҷикистон бори аввал аст.

Дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Гулистони Душанбе» аз матоъ бо андозаҳои гуногун тавассути технологияи муосир мувофиқ ба дархости мизоҷон либосҳои шинаму зебо барои мардон ва занон истеҳсол карда мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдомҳои шаҳрдориро дар самти бунёду барқароркунии иншооти истеҳсолӣ намуна арзёбӣ карда, коргарону мутахассисонро барои омӯзиши пурраи кор тавассути технологияи муосир, афзалият додан ба талаботи бозор, истифодаи пурра аз имконияти васеи технологӣ ва истеҳсоли маҳсулоти босифат вазифадор намуда, таваҷҷуҳи коргарону мутахассисонро ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири босифат ҷалб карданд.

Айни замон Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Гулистони Душанбе» аз биноҳои маъмурӣ, истеҳсолӣ ва иншооти муосири ёрирасон иборат буда, аз коргоҳи тарроҳӣ, коргоҳи омодасозӣ ва поракунӣ, 2 коргоҳи дӯзандагӣ, коргоҳи шустушӯӣ ва рангубор, коргоҳи такмилдиҳии намнокӣ ва бандубаст, коргоҳ барои дӯхти либос аз рӯйи супоришҳои махсус, нуқтаи хизматрасонии хушкашӯӣ, буғхона, мағоза ва ошхонаи барҳаво барои 400 ҷойи нишаст иборат мебошад.

Баъд аз шиносоӣ бо фаъолияти корхона Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба намунаҳои маҳсулоте, ки дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Гулистони Душанбе» истеҳсол мешаванд, шинос шуданд.

Дар 9 моҳи соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 87 корхонаи дӯзандагӣ истеҳсоли маҳсулот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,5 фоиз зиёд шудааст, ки аз ин 21 корхона ба шаҳри Душанбе рост меояд. Дар 9 моҳи соли равон истеҳсоли либоси мактабӣ дар шаҳри Душанбе нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 26,9 фоиз зиёд шудааст, ки аз ҳама нишондоди баланди рушд дар ҷумҳурӣ мебошад.

Иҷрои супоришҳои Сарвари давлат нисбат ба дастгирии фаъолияти намояндагони бахши хусусӣ аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ имкон фароҳам овард, ки соҳибкорӣ дар пойтахти мамлакат рушд кунад ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот таъмин карда шавад.

Барои рушди саноат дар пойтахти мамлакат шароити зарурӣ фароҳам аст ва дар асоси супориши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тибқи нақшаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тавассути бунёду барқароркунии коргоҳу корхонаҳо афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин, шумораи ҷойҳои корӣ дар соҳа зиёд ва ба рушди дучанди иқтисодии пойтахти мамлакат заминагузорӣ карда мешавад.

**31 - уми октябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Зебунисои ноҳияи Шоҳмансур марҳилаи дуюми Корхонаи қолинбофии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Қолинҳои Душанбе»-ро ба истифода дода, аз намоиши маҳсулоти корхона боздид карданд.**

Марҳилаи дуюми ҶДММ «Қолинҳои Душанбе» дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Солҳои рушди саноат» ба истифода дода шуд.

Корхона дар доираи татбиқи ҳадафҳои саноатикунонии босуръати мамлакат бо истифода аз фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкорӣ аз тарафи соҳибкори ватанӣ Наврӯз Абдуллозода бунёд карда шуд.

Бо фаъол сохтани ду хатти иловагии истеҳсолӣ дар корхонаи қолинбофӣ шумораи коргарон, ки аксаран бонувон мебошанд, ба 600 нафар расид.

(Давомаш дар саҳ. 2)



# МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО НИКОЛАЙ ЖУРАВЛЁВ

**Якуми ноябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ муовини Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Николай Журавлёвро, ки барои иштирок дар ҷаласаи дувоздаҳуми Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия дар Тоҷикистон қарор дорад, ба ҳузур пазируфтанд.**

Зимни мулоқот вазъ ва дурнамои муносибатҳои дӯстона ва шарикии стратегии Тоҷикистону Россия дар соҳаҳои афзалиятнок ва ҳамзамон, робитаҳои байнипарламентии ҳар ду мамлакат баррасӣ шуданд. Муҳтарам Рустами Эмомалӣ рушди муносибатҳои байнипарламентии Тоҷикистону Россияро нек арзёбӣ намуданд.

Ҷонибҳо зимни баррасии ҳолати ҳамкории давлатҳо оид ба фаъолияти Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия дар таҳкими муносибатҳои шарикии стратегӣ табодули андеша карданд. Дар рафти вохӯрӣ, ҳамчунин, дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн баррасӣ гардиданд.

**www.majmilli.tj**

# ИТТИЛОИЯ

## Дар бораи Иҷлосияи понздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум



**Иҷлосияи понздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 3-юми ноябри соли 2023, соати $10^{00}$ дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.**

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми ноябри соли 2023 аз соати $09^{00}$ то соати $17^{00}$ ва 3-юми ноябри соли 2023 аз соати $8^{00}$ то $09^{30}$ дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо:**
221-98-35, 221-12-47.

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум



# БОЗ ЯК ҚАДАМ БА САМТИ «ИҚТИСОДИ САБЗ»

## Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» тасдиқ шуд

**Якуми ноябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 60 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Сироҷзода Сайфиддин, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Саъдӣ Сангинмурод, муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламшозода Абдураҳмон Аламшо, муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Носирзода Ҷаббор, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳсинзода Ғафур Муҳсин ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ИФТИТОҲИ ҲАФТ КОРХОНАИ САНОАТӢ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**(Идома аз саҳ. 1)**



Зикр шуд, ки иқтидори истеҳсолии ҶДММ «Қолинҳои Душанбе» аллакай ба ҳаҷми истеҳсолоти ширкати «Қолинҳои Қайроққум» наздик шудааст, ки ин раванд нишона аз хуб ба роҳ мондани тавлидоти маҳсулот ва рақобатпазир истеҳсол шудани он мебошад. ҶДММ «Қолинҳои Душанбе» дар пойтахти мамлакат ва ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон мағозаҳои махсуси худро фаъол сохтааст, ки дар он маҳсулоти корхона ба фурӯш гузошта шудааст. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулони корхона дастур доданд, ки дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлобу Хоруғ, Ваҳдату Ҳисор ва Бохтару водии Рашт низ чунин марказҳои фурӯш таъсис дода шаванд, то сокинон ба қолинҳои замонавӣ дастрасии бештар пайдо кунанд.

Масоҳати ҷойгиршавии ҶДММ «Қолинҳои Душанбе» 2,7 гектар буда, иқтидори истеҳсолии корхона 4500 метри мураббаъ дар як шабонарӯз ва 13,5 ҳазор метри мураббаъ қолин бо шаклу тарҳи гуногун дар як моҳ мебошад. Иқтидори солонаи корхона дар як сол ба 4 миллиону 860 ҳазор метри мураббаъ мерасад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо фаъолияти марҳилаи дуюми корхона иқдоми соҳибкоронро боиси дастгирӣ арзёбӣ карда, онро намунаи барҷастаи амалисозии ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти саноатикунонии мамлакат маънидод намуданд.

Баъд аз мавриди истифода қарор додани марҳилаи дуюми Корхонаи қолинбофии ҶДММ «Қолинҳои Душанбе» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти корхона боздид ба амал оварданд. Дар он ҷо беҳтарин намунаҳои қолин ба маърaз гузошта шуд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ба сифати маҳсулоти истеҳсолнамудаи ин корхонаи саноатии мамлакат баҳои баланд дода, масъулонро вазифадор карданд, ки раванди истеҳсоли маҳсулоти баландсифат таҳти назорат қарор дода шуда, ба тақвияти содирот таваҷҷуҳи хоса равона гардад.

Аснои боздид аз намоишгоҳ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулонро вазифадор карданд, ки нисбат ба ин таносуб аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли қолин дар мамлакат қариб ба сатҳи соли 1991 баробарда шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 6, 4 миллион метри мураббаъро ташкил дод. Айни замон талабот



ба қолин дар ҷумҳурӣ дар як сол 8,0 миллион метри мураббаъро ташкил медиҳад. Солҳои охир ҳамаи шаш корхонаи қолинбофии амалкунандаи ҷумҳурӣ бо пешрафтатарин технологияи соҳавӣ, аз ҷумла бо 26 хатти истеҳсолии Ширкати «Вандевил»-и Шоҳигарии Белгия, фаъолияти худро ба роҳ монда, мутобиқ ба стандартҳои пазируфташуда мол истеҳсол мекунанд. Тайи нуҳ моҳи соли равон дар мамлакат 3 миллиону 921,82 метри мураббаъ қолин истеҳсол шуда, ин нишондод дар нуҳ моҳи соли 2022 – юм 5 миллиону 515,09 метри мураббаъро ташкил медод. Иқтидори солонаи корхонаҳои қолинбофии Тоҷикистон 13 миллиону 700 ҳазор метри мураббаъ қолин дар як сол арзёбӣ мешавад. Тайи нуҳ моҳи соли равон ба мамлакат 3 миллиону 328,8 ҳазор метри мураббаъ қолин ворид шудааст, ки ин нишондод нисбат ба содирот хеле зиёд аст. Аснои боздид аз намоишгоҳ Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулонро вазифадор карданд, ки нисбат ба ин таносуб аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми созандагии роҳбарияти ҶДММ «Қолинҳои Душанбе» - ро шоистаи таҳсин хонда, бунёди корхонаи истеҳсоли қолинҳоро дар пойтахти мамлакат ба мақсадҳои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии ҳадафи муҳими стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат ва таъмини ҳар чӣ бештари сокинон бо ҷойи кори доимӣ созгор арзёбӣ карданд.

**31-уми октябри соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Корхонаи нассоҷии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо фаъолияти он шинос гардиданд.**

Корхонаи нав, ки дар асоси технологияи замонавӣ бунёд гардидааст, ба истеҳсоли матои патдор ва маҳсулоти тайёри патдор, аз қабили намудҳои гуногуни сачоқ, халат барои тамоми синну сол ва дигар номгӯи маҳсулот, машғул мебошад.

Корхонаи нассоҷии «Арвис» имкон дорад, ки дар як сол 3 ҳазору 600 тонна ресмони пахтагинро коркард намуда, аз он маҳсулоти патдор истеҳсол ва бо сифати баланд ва тарҳу шакли бозоргир пешниҳоди харидорон намояд.

Дар оянда содироти маҳсулоти тайёри ҷамъият низ марҳила ба марҳила дар назар аст, зеро дастгоҳу таҷҳизоти корхона имконият медиҳад, ки маҳсулоти ниҳоии он дар доираи стандартҳои ҷаҳонӣ истеҳсол шавад. Айни замон корхонаи нав истеҳсоли 500 номгӯйи маҳсулоти нассоҷиро роҳандозӣ намудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар корхона дастгоҳҳои муосири нассоҷӣ аз кишварҳои Белгия, Олмон, Туркия, Ҷопон ва Корея харидорию насб шудааст ва онҳо имконияти хуби таъмини сифати баланди маҳсулоту рақобатпазир будани онро доранд. Корхонаи нассоҷӣ дорои коргоҳҳои тортанӣ, суфтакунӣ, бофандагӣ, рангубор, тарроҳӣ ва дӯзандагӣ буда, фаъолияти он ба истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, роҳандозии раванди пурраи коркарди пахта дар дохили ҷумҳурӣ ва истеҳсол намудани маҳсулоти ивазкунандаи воридот равона гардидааст.

Баъди ифтитоҳи корхонаи нави нассоҷӣ дар шаҳри Душанбе 600 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд, ки аксарашонро бонувон ташкил медиҳанд.

Дар Корхонаи нассоҷии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» истеҳсоли матоъ, рангубори он, нармкунӣ ва омодасозии маҳсулоти ниҳоии баландсифат роҳандозӣ шудааст.

Рангубори маҳсулот низ дар дохили корхона ба роҳ монда шуда, таҷҳизоти васлгардида иқтидор дорад, ки дар 1 шабонарӯз то 15 ҳазор килограмм матоъро рангу оро диҳанд.

Аснои боздид ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки коргоҳи тарроҳӣ ва конструктории корхонаи мазкур имконият дорад, ки дар 1 шабонарӯз то 15 тонна матоъро ба таври худкор бурида, омода созад.

Корхонаи нассоҷии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» дорои сехи алоҳидаи дӯзандагӣ буда, дӯхтани маҳсулоти ниҳоӣ мувофиқи тарҳи пешбинигардида дар ҳамин ҷо анҷом дода мешавад.

Коргоҳ дорои 88 дастгоҳи замонавии дӯзандагӣ, таҷҳизоти дарзмолкунию нармкунӣ буда, маҳсулот мувофиқи фармоиши мизоҷон ва талаботи бозорҳои истеъмолӣ омода мешавад.

Таъмини шароити мусоиди корӣ дар корхонаи навтаъсис дар мадди аввал қарор дошта, кормандон бо либоси корӣ ва нақлиёти хизматӣ таъмин буда, ошхонаи барҳаво бо 300 ҷойи нишаст дар ихтиёри онҳо қарор дорад. Ҳамчунин, ҳуҷраҳои кории кормандон, роҳрав ва ҳудуди бинои маъмурӣ бо шаклу услуби хос ва завқи баланд оро ёфтааст.

Корхонаи нассоҷии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, ба амалишавии тадбирҳо дар роҳи рушд додани соҳаи саноат ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳудуди иншоот мағозаи алоҳидаи фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ бунёд гардидааст, ки дар он ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ намоиши маҳсулоти тайёри корхонаи мазкурро тамошо карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хатҳои муосири истеҳсолии корхона ва сифати маҳсулоти ниҳоии он баҳои баланд дода, ба масъулин барои назорати сифат ва давра ба давра роҳандозӣ намудани содироти маҳсулот ба дигар кишварҳо дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

**31-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар пойтахти мамлакат Корхонаи нави истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фабрикаи қаннодии Амирӣ»-ро ифтитоҳ карданд.**

Иншоот дар маҳаллаи «Деҳқонобод-2»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар масоҳати 5 гектар бунёд шуда, аз калонтарин корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Иқтидори истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фабрикаи қаннодии Амирӣ» дар як сол 27 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Бо чунин иқтидор корхона метавонад 35 фоизи талаботи бозори дохилиро бо маҳсулоти қаннодӣ таъмин намояд.

Барои интиқоли маҳсулот ба дӯкону мағоза ва бозорҳо 15 нақлиёти махсуси боркашонӣ харидорӣ шудааст. Корхона дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ дорои анборҳо ва воситаҳои нақлиёти махсус мебошад.

Маҳсулоти корхона асосан дар дохили ҷумҳурӣ ба фурӯш бароварда мешавад ва аз рӯйи нақша, дар оянда бояд содирот шавад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар корхона барои 1000 нафар ҷойи корӣ ташкил ёфтааст. Ҳоло 700 сокини маҳаллӣ ба таври доимӣ кор мекунанд ва бо маоши хуб таъмин мебошанд.

Таҷҳизоти васлу насбшуда навтарин буда, аз кишварҳои Дания, Австрия, Ҳолланд, Олмон ва Италия ворид гардидааст. Мавриди таъкид аст, ки чунин технология ба Осиёи Марказӣ бори аввал оварда шудааст.

Корхона дорои ошхона бо 130 ҷойи нишаст ва бунгоҳи тиббии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти ташхисию табобатӣ мебошад. Бинои маъмурии корхона, ки аз 20 ҳуҷра иборат аст, бо таҷҳизоти зарурии замонавӣ таъмин аст. Ҳудуди иншоот, аз ҷумла раванди истеҳсолот, тавассути камераҳои мушоҳидавӣ пурра назорат карда мешавад.

Корхонаи нави истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе ба хотири истиқболи сазовор аз Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дар доираи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ Акмал Ҳомидов бунёд карда шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори маҳаллӣ барои бунёди чунин корхонаи калони истеҳсолӣ ва саҳм гузоштан дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат изҳори сипос намуданд.

Сипас, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фабрикаи қаннодии Амирӣ» боздид намуданд.

Дар растаҳои алоҳида намунаи маҳсулоти истеҳсолгардида ба намоиш гузошта шуд, ки бозгӯи фаъолияти пурсамари мутахассисону кормандони корхона мебошад.

Маврид ба таъкид аст, ки «Фабрикаи қаннодии Амирӣ» аз соли 2010 фаъолият мекунад ва маҳсулоти корхона дар бозор рақобатпазир буда, талабгори зиёд дошта, 135 номгӯи маҳсулоти он дар бастаҳои гуногун истеҳсол карда мешавад. Айни замон дар шаҳри Душанбе 45 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ фаъолият мекунад.

Дар нуҳ моҳи соли 2023 дар шаҳри Душанбе 12,6 ҳазор тонна маҳсулоти қаннодӣ истеҳсол шудааст, ки 68,6 фоизи маҳсулоти қаннодии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини сифат ва рақобатпазирии маҳсулот, инчунин ба роҳ мондани содироти он ба кишварҳои хориҷӣ ба масъулон дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

**31 - уми октябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Корхонаи равғанбарории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Файзи баракат»-ро ифтитоҳ карданд.**

Корхонаи равғанбарории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Файзи баракат» аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Файзалӣ Ҳоҷиев бо мақсади дастгирии сиёсати созандаи Пешвои миллат ва дар доираи амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати мамлакат дар масоҳати як гектар бунёд шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар доираи тадбирҳои ободонию бунёдкорӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2022 оғоз гардида, имрӯз дар вазъияти тантанавӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Корхонаи мазкур аз ҳисоби даромади софи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Файзи Сомон» бунёд гардида, иқтидори солонаи он истеҳсоли 25 ҳазор тонна равған аст. Дар корхона дар як шабонарӯз 70 тонна ва дар як моҳ 2100 тонна навъҳои гуногуни равғани босифат истеҳсол мегардад.

Дар ин ҷо 50 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, оянда бо афзун намудани ҳаҷми иқтидори истеҳсолӣ шумораи коргарон ба 100 нафар расонда мешавад.

Корхона бо мақсади таъмини талаботи сокинон бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ ва дорои сифати баланд таъсис ёфтааст. Дар корхонаи истеҳсолӣ аз пахта, маъсар, лӯбиё ва офтобпараст равған истеҳсол ва дар зарфҳои гуногуни пластикӣ ҷой карда мешавад. Коргарони корхона маҳсулоти худро ба сокинон бо нархи дастрас ва нисбат ба бозор арзон пешкаш мекунанд.

Самти фаъолияти Корхонаи равғанбарории ҶДММ «Файзи баракат» ба истеҳсоли равғанҳои растанӣ ва зарфҳои пластикӣ нигаронида шудааст. Маҳсулоти корхона ивазкунандаи воридот буда, оянда ба содирот равона мешавад.

Барои истеҳсоли равғани растанӣ аз Чин, Ҷопон, Полша ва дигар давлатҳо технологияи муосир оварда, васлу насб шудааст.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Файзи баракат» раванди истеҳсолот асосан аз чанд марҳила, ба монанди ҷабиши сард, софкунӣ, безараргардонӣ, ширинкунӣ ва бандубасти зарфҳои гуногунҳаҷми аз 1 то 20 - литраро дар бар мегирад. Маҳсулоти тавлидшуда аз лиҳози сифат ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад.

Барои беҳтар намудани сифат ва мониторинги ҳаррӯзаи он дар дохили корхона озмоишгоҳи замонавӣ низ фаъолият дорад, ки мутахассисони варзидаи соҳа бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти муосир мутобиқат ва бехатарии маҳсулотро назорат мекунанд.

Аснои шиносоӣ бо раванди истеҳсолот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулони корхона барои афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо равғани растанӣ, ки бештар аз хориҷи мамлакат ворид карда мешавад, маслиҳатҳои муфид доданд.

Дар арафаи ифтитоҳи корхона директори Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Файзи баракат» Давлаталӣ Ҷӯрабеков ва роҳбари Ширкати чинии «Синзян Мадина Интернешнл Логистик груп Ко лимитед» Кунугули Махачи барои содироти равғани корхона ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ба маблағи 5 миллион доллари амрикоӣ созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонданд.

**31 - уми октябри соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқии «Имод»-и Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж»-ро ифтитоҳ карданд.**

Корхона дар масоҳати 7 гектар бо тарҳи замонавӣ ва мутобиқ ба меъёру стандартҳои байналмилалӣ бунёд гардида, биноҳои зери сохтмон 40 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад.



Баъди бунёди корхона имкон фароҳам омад, ки то 850 мутахассиси маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шаванд. 30 фоизи коргаронро занону бонувони хонашини маҳаллаи гирду атрофи корхона аз ноҳияи Сино ташкил медиҳанд. Аксари занон дар ин ҷо ба кори техникӣ - бандубасти таҷҳизоти барқӣ машғуланд. Дар рафти сохтмони корхонаи мазкур зиёда аз 300 сохтмончӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шуданд.

Дар корхона дар 16 хатти истеҳсолӣ 36 намуд маҳсулот, аз ҷумла истеҳсоли ҳисобкунакҳои барқии интеллектуалӣ, лавҳаҳои мукаммали 0,4; 6 ва 10 кВ, истгоҳҳои мукаммали трансформатори 6/10 ва 20 кВ, лифт, дари оҳании даромадгоҳҳо, обгармкунаки барқӣ ва офтобӣ, пояи хатҳои ҳавоии баландшиддат, монеадевори роҳҳои автомобилгард, хомӯшкунакҳои худкор, пояҳои оҳании гуногун барои равшаннамоии гулгашту хиёбонҳо, болорҳои оҳании дутарош ва коркарди конструксияҳои оҳании гуногун, ба роҳ монда шудааст.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол истеҳсоли 300 000 ҳисобкунаки барқии интелектуалӣ, 10000 лавҳаи мукаммали пастшиддати 0,4;6 ва 10 кВ, 600 истгоҳи мукаммали трансформаторӣ 6 ва 20 кВ, 24 000 дари оҳанӣ, 40 000 обгармкунаки барқӣ ва офтобӣ, 50 000 тонна пояи оҳании хатҳои баландшиддат, 130000 метр монеадевори роҳҳои автомобилгард, 500 000 хомӯшкунаки худкор, 10 000 пояи оҳанӣ барои равшанинамоӣ, 12 000 тонна болори дутарош ва 20 000 тонна конструксияи оҳании гуногун мебошад.

Дар корхона дар як сол 500 лифт истеҳсол мешавад, ки дар бастабандии он 40 фоиз қисмҳои эҳтиётӣ аз корхонаҳои ватанӣ истифода мешавад. Маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона дорои сифати баланд ва рақобатпазир буда, дар бозори дохилӣ талабот ба он зиёд аст.

Дар корхона хатҳои технологии муосир бо идораи барномасозии рақамӣ аз пешрафтатарин истеҳсолкунандагони Италия, Финляндия, Олмон, Туркия ва Чин ворид гардидааст.

Иншооти нав дорои чор коргоҳ, аз ҷумла коргоҳи мукаммалсозии таҷҳизоти барқӣ, коркарди варақаҳои пӯлодӣ, коркарди конструксияҳои оҳанӣ ва рӯҳандуднамоӣ, мебошад. Коргоҳҳои барҳаво бо истифодаи конструксияҳои оҳанӣ ва лавҳаҳои сендвичии босифат қомат афрохтааст.



Зимни боздид ва шиносоӣ аз рафти истеҳсолоти корхона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҷҳизоти муосири корхона ва маҳсулоти он баҳои баланд дода, ба масъулин барои таъмини самаранокии фаъолият, истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот, рақобатпазир гаштани маҳсулоти истеҳсолӣ дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Пас аз шиносоӣ бо рафти истеҳсолот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи маҳсулоти корхона боздид намуданд. Дар саҳни намоишгоҳ курсиҳо ва пояҳои равшаннамоӣ барои гулгашту хиёбонҳо, ороишот аз варақаҳои пӯлодӣ, гулдонҳои оҳанӣ, истгоҳҳои мукаммали трансформаторӣ, пояи хатти ҳавоии баландшиддат, монеадевор барои роҳҳои автомобилгард ва дигар намуди маҳсулоти металлӣ ба намоиш гузошта шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз намоишгоҳи маҳсулоти истеҳсолии корхона аз дастгирӣ ёфтани сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти саноатикунонии босуръати мамлакат аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

**31 - уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Корхонаи истеҳсоли макарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шаҳри зебои мо»-ро ифтитоҳ карданд.**

Дар Корхонаи истеҳсоли макарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шаҳри зебои мо» дар як баст 14 намуд маҳсулоти макаронӣ бо номи «Лазоли» истеҳсол шуда, дар он 35 сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи корӣ доимӣ гардиданд.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 3 ҳазор тоннаро ташкил дода, ин навъи маҳсулоти хӯрокворӣ ивазкунандаи воридот буда, талаботи аҳолӣ ба он зиёд аст.

Фармоишгари асосии бунёди Корхонаи истеҳсоли макарон Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шаҳри зебои мо» буда, корҳои сохтмонӣ дар он соли 2021 оғоз гардид.

Масоҳати бинои истеҳсолӣ 0,50 гектарро дар бар гирифта, дастгоҳу таҷҳизоти корхонаи навбунёд аз Италия харидорӣ ва насб гардидааст.

Корхонаи истеҳсоли макарон дар партави иҷрои супориш ва ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи «Солҳои рушди саноат» бо мақсади таъмин намудани бозорҳои дохилӣ бо маҳсулоти хӯроквории аз тарафи соҳибкорони ватанӣ таъсис дода шуд.

Роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шаҳри зебои мо» тасмим гирифтаанд, ки бо истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, бахусус навъҳои гуногуни макарон, аҳолиро бо маҳсулоти хушсифати ордӣ таъмин намуда, барои ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – таъмини амнияти озуқаворӣ ҳиссаи арзанда гузоранд.

Раванди истеҳсоли макарон тавассути хатти муосири технологӣ аз тайёр кардани хамир, башаклдарорӣ, буридани маҳсулоти хом, хушк сохтан, ҷудо намудан ва бастабандӣ кардан иборат мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ аз имкониятҳои коргоҳи истеҳсоли макарон, бо сифати баланд истеҳсол намудани маҳсулот, фаъолияти ҳамешагӣ, афзоиш бахшидани самти фаъолият ва бо ин васила зиёд кардани ҷойҳои корию таъмини саривақтии талаботи сокинон бо ин маҳсулоти хӯроквориро зарур шуморида, бо назардошти имкониятҳои фарохи пойтахт дар самти афзун гардонидани иқтидори истеҳсолӣ, ба масъулон дастуру супориш доданд.

Пас аз ифтитоҳи коргоҳи истеҳсоли макарон дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи маҳсулоти корхона боздид ба амал оварданд.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 31 корхона ба истеҳсоли макарон машғул буда, дар нуҳ моҳи соли равон 6,3 ҳазор тонна ин навъи маҳсулот истеҳсол гардидааст. Талаботи аҳолии мамлакат ба макарон дар як сол 13,9 ҳазор тонна макаронро ташкил медиҳад. Алҳол дар шаҳри Душанбе нуҳ корхонаи маҳсулоти макаронӣ фаъолият дошта, дар нуҳ моҳи соли 2023 дар пойтахт 3,9 ҳазор тонна маҳсулоти макаронӣ истеҳсол шудааст, ки 62,0 фоизи маҳсулоти макаронии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр танҳо имрӯз аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе ба хотири истиқболи сазовор аз Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, дар доираи «Солҳои рушди саноат» ва барои амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати мамлакат ҳафт корхонаи калони саноатӣ бо беш аз 4000 ҷойи корӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ Корхонаи дӯзандагии ҶДММ «Гулистони Душанбе», дар ноҳияи Шоҳмансур марҳилаи дуюми Корхонаи истеҳсоли қолинҳои ҶДММ «Қолинҳои Душанбе», дар ноҳияи Фирдавсӣ Корхонаи нассоҷии ҶДММ «Арвис», Корхонаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ҶДММ «Амирӣ», дар ноҳияи Сино Корхонаи истеҳсоли равғани ҶДММ «Файзи баракат», Корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқии «Имод» ва Корхонаи истеҳсоли макарони ҶДММ «Шаҳри зебои мо»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бунёду ба истифода додани корхонаҳои нави саноатӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини аҳолӣ бо шуғли доимӣ, беҳдошти сатҳи зиндагии мардум, тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ва рушди соҳаи саноат заминаи мусоид фароҳам меоранд.

**www.prezident.tj**

(Идома аз саҳ. 1)

# БОЗ ЯК ҚАДАМ БА САМТИ «ИҚТИСОДИ САБЗ»

## Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» тасдиқ шуд

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа панҷ масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»**

**2. Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Ташкили таваққуфгоҳҳои музднок, нуқтаҳои баркдиҳанда ва низоми автоматикунонидашудаи бақайдгирии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Оид ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Шодиён Муҳаммад дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммад ШОДИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» мутобиқи моддаи 58-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ. Дӯстзода ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Идизода, Ш. Ҳакимзода, М. Шодиён, З. Файзуллозода, Ғ. Азиззода ва З. Сафарзода таҳия ва пешниҳод гардидааст.



Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳририӣ дошта, бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, истифодаи истилоҳу ибораҳо, бо назардошти услуби ягона, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва мантиқи ҳуқуқӣ, мушаххасу саҳеҳ гардонидани меъёрҳо ва мутобиқгардонии онҳо ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Лоиҳаи пешниҳодгардида бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 – уми апрели соли 2023 таҳти №1642 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни конститутсионии баррасишавандаро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкур тамоми расмиёти ҳуқуқиро мутобиқ ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра гузашта, кумитаи масъул 27 – уми октябри соли ҷорӣ дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои пешниҳодгардидаро муҳокима намуда, бо назардошти таклифу пешниҳодҳо такмил дода шуд.

Лоиҳаи пешниҳодгардида ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, амалишавии меъёрҳои он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Ташкили таваққуфгоҳҳои музднок, нуқтаҳои баркдиҳанда ва низоми автоматикунонидашудаи бақайдгирии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Саъдӣ Сангинмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Саъдӣ ҚОДИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастгириҳои доимӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дар ин замина ҷалби бештари сармоя ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба ҳамаи шумо изҳори сипос менамояд.

Дар доираи талаботи қонунгузорӣ оид ба созишномаҳои сармоягузорӣ «Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» таҳия карда шудааст. Татбиққунандаи лоиҳа Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» дорои захираҳои зарурии молиявӣ, техно-



логия ва тахассусӣ мебошад. Барои татбиқи лоиҳа сармоягузорӣ дар ҳаҷми то 10 миллион доллар ҷалб карда мешавад. Лоиҳаи мазкур барои татбиқи «иқтисоди сабз» дар соҳаи нақлиёт, муҳайё сохтани инфрасохтор ва дигар шароити зарурӣ барои истифодаи воситаҳои нақлиёти барқиро дар қаламрави кишвар замина мегузорад. Ҳамчунин, лоиҳаи мазкур ба доираи амалишавии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе барои давраи то соли 2025», «Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» ва «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2037» мутобиқ мебошад. Дар маҷмӯъ, қабули лоиҳаи мазкур ба воридоти техника ва технологияи муосир, ташаккули низоми видеоназоратӣ, бақайдгирии автоматии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, коркарди маълумоти автоматии маълумотҳо оид ба бақайдгирии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, воридоти маблағ ба буҷети давлатӣ, бунёди рақобати солим дар соҳа ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, мусоидат хоҳад кард.

Мавриди зикр аст, ки мутобиқи банди 3.5 Созишнома барои барқарор кардани хароҷоти маблағгузорӣ, сохтмон, нигоҳубин, истифодабарии мунтазами низом ва гирифтани фоида маблағҳои аз ҳисоби ҷамъоварии ҷаримаҳо барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки ба воситаи низом ба қайд гирифта шудаанд, ҳаққи хизматрасонии таваққуфгоҳҳои музднок, ҳаққи истифодабарии нуқтаҳои баркдиҳанда, инчунин манбаъҳои дигари имконпазир, ки дар доираи лоиҳаи мазкур ташаккул мeёбанд, ба тариқи зайл амалӣ карда мешавад:

- зернизоми автоматикунонидашудаи бақайдгирии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҳисоби ҷаримаҳо: Ҳукумат - 50% (панҷоҳ фоиз) ва Сармоягузор - 50% (панҷоҳ фоиз);

- зернизоми ташкили таваққуфгоҳҳои музднок аз ҳисоби ҳаққи хизматрасонии таваққуфгоҳҳои музднок ва ҷаримаҳо дар ҳудуди таваққуфгоҳҳои музднок: Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе - 50% (панҷоҳ фоиз) ва Сармоягузор - 50% (панҷоҳ фоиз).

Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи созишномаи сармоягузории мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашӯрзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Ташкили таваққуфгоҳҳои музднок, нуқтаҳои баркдиҳанда ва низоми автоматикунонидашудаи бақайдгирии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 10 - уми октябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мақсади асосии лоиҳа татбиқи «иқтисоди сабз» дар соҳаи нақлиёт, муҳайё сохтани инфрасохтор барои истифодаи воситаҳои нақлиёти барқӣ, амалишавии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе» ва таъмини сатҳи баланди бехатарӣ дар роҳҳои автомобилгард мебошад.

Дар маҷмӯъ, қабули созишнома ба низом даровардани таваққуфи воситаҳои нақлиёт, воридоти маблағ ба буҷети давлатӣ, бунёди рақобати солим дар соҳа ва ташкили ҷойҳои нави кориро амалӣ менамояд.

Созишномаи пешниҳодгардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур ба моддаи 57-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 13 – уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» мутобиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Даринг Раҳмон дода мешавад. Марҳамат.

**Даринг РАҲМОН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» оид ба амалӣ намудани лоиҳаи мазкур, ки сармоягузор аз сармоягузории худӣ ва ҷалбшаванда амалӣ менамоянд, сариваќтӣ буда, барои амалӣ намудани «Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» мусоидат менамояд. Умуман, дар тамоми давлатҳои тараққикарда чунин консорсиумҳои сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёт нақши калидӣ доранд. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи созишномаи мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» дар бораи амалӣ кардани лоиҳаи «Ташкили таваққуфгоҳҳои музднок, нуқтаҳои баркдиҳанда ва низоми автоматикунонидашудаи бақайдгирии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ» оғоз менамоем.

Сухан ба муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламшозода Абдураҳмон Аламшо дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ» дар асоси моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, мақсад аз таҳияи он гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ барои тасдиқи созишномаи мазкур мебошад.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ дар шаҳри Сиан 18 – уми майи соли 2023 ба имзо расида, аз муқаддима ва 22 модда иборат мебошад. Созишнома бо мақсади беҳтаргардонии ҳамкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангии мақомоти роҳбарикунанда дар идоракунии сохторҳои махсуси зиддитеррористӣ, сатҳи ҳамкорӣ байни дастаҳои махсуси зиддитеррористӣ, инчунин сатҳи тайёрӣ ва маҳорати амалии тактикии гурӯҳҳои махсуси зиддитеррористии Тарафҳо равона гардидааст. Дар созишномаи мазкур масъалаҳо вобаста ба тартиби гузаронидани тамринҳо, ташкили мақоми муваққатии идоракунии тамринҳо, макон ва вақти гузаронидани он, инчунин, тартиби қабул ва гусели иштирокчиёни тамринҳо муайян гардидааст. Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо оид ба татбиқи созишномаи мазкур Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати бехатарии ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошанд.

Барои омодагӣ ва гузаронидани тамринҳо мақоми муваққатии идоракунии тамринҳо таъсис дода мешавад, ки роҳбар ва яке аз муовинони он аз ҳисоби намояндагони Тарафи қабулкунанда таъин мегарданд. Муовини дуюми роҳбари тамринҳо аз ҳисоби намояндаи Тарафи ирсолкунанда таъин мегардад.

Нисбат ба лоиҳаи созишномаи мазкур экспертизаи зиддикоррупсионӣ гузаронида, муайян карда шудааст, ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дида намешавад. Созишнома ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад.Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Шоҳмурод Рустам дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ШОҲМУРОД:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ, ки 18-уми майи соли 2023 ба имзо расонида шудааст, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои расмиёти дохилидавлатӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Созишнома бо мақсади тақвият ва рушди минбаъдаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ, беҳтаргардонии ҳамкорӣ дар соҳаи тамрини кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба имзо расидааст. Созишномаи мазкур мувофиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи созишномаи зикршударо бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Кумитаи масъул 11-уми октябри соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ созишномаи мазкурро муҳокима карда, тасдиқи онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ ба талаботи моддаи 57 - уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 – уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи амният», «Дар бораи милитсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз ин рӯ, аз шумо – вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористиро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Саидҷаъфар дода мешавад.

**Саидҷаъфар УСМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо Ҷумҳурии Мардумии Чин мо муносибатҳои хуби иқтисодӣ дорем. Ҳамкории мо дар самти мубориза бо терроризму экстремизм ба иқтидори ҳарбии мамлкати мо манфиати хуб меорад. Аз ин рӯ, аз вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи созишномаи мазкур овоз диҳанд.

**РАИС:** -Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» оғоз менамоем.

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Қосимӣ Файзулло дода мешавад. Марҳамат.

**Файзулло ҚОСИМӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Қосимӣ, М. Шамсидинзода, Ф. Икромӣ ва З. Гулаҳмадзода таҳия шудааст, пешниҳод карда мешавад. Мақсади пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур мушаххас гардондани ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ, назорати давлатӣ дар соҳа ва мутобиқгардони қонуни амалкунанда ба талаботи қонунгузории навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иборат мебошад.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур моддаҳои 24, 25, 29 ва 31 дар таҳрири нав ва моддаҳои $29^2$, $29^3$ ва $31^1$ илова гардида, дар онҳо ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ дар самти тухмипарварӣ, назорати давлатӣ ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳа мушаххас карда шудаанд. Тибқи хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷалби мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳи корӣ таъсис ва лоиҳаи қонуни мазкур такмил дода шуд.

Лоиҳаи қонун тамоми расмиёти дохилиро тибқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, дар мувофиқа бо субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ 35 таклифи пешниҳодшудаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, аксари онҳо қабул карда шуданд.

Дар асоси хулосаҳо ва пешниҳоди гурӯҳи корӣ ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти тухмипарварӣ дар моддаҳои алоҳида ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳа дар моддаи нав пешбинӣ карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухан ба муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Носирзода Ҷаббор дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷаббор НОСИРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мукаммалгардонӣ ва мушаххасу саҳеҳ гардонидани меъёрҳои қонуни мазкур таҳия карда шуда, он 5-уми январи соли 2008 қабул гардида, соли 2015 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Тағйиру иловаҳое, ки дар лоиҳаи қонуни баррасишаванда пешбинӣ гардидаанд, иқдоми сариваќтӣ мебошад ва ба танзими муносибатҳо дар самти тухмипарварӣ имконият медиҳад. Чунончӣ, тағйироти дар қисми якум, сархати якуми қисми сеюми лоиҳаи қонун пешбинишуда бо мақсади ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» таҳия карда шудааст. Дар қисмҳои дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтуми лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади якхела ва оммафаҳм муайян намудани меъёрҳои қонун дар моддаҳои дахлдор калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ягона ифода карда шудааст. Тағйироти қисмҳои ҳаштум ва нуҳуми лоиҳаи қонуни мазкур хусусияти таҳририю мутобиқнамоиро доро мебошад.

Дар қисмҳои дувоздаҳум ва сенздаҳуми лоиҳаи қонуни мазкур ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тухмипаварӣ муайян ва танзими меъёрӣ карда шудааст. Дар қисмҳои чордаҳум, понздаҳум, шонздаҳум ва ҳабдаҳуми лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади якхела ва мутобиқ ба дигар санадҳои қонунгузорӣ ягона муайян намудани меъёрҳои қонун тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст. Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем.

Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Ашӯрзода Гулбаҳор дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор АШӮРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Гулзода, Б. Ҷабборӣ, Д. Одилзода, Ф. Додхудо, К. Ҳакимова, М. Умарализода ва Ш. Қонунзода бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории соҳаи тандурустӣ, мутобиқгардонии меъёрҳои дохилии Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷи-



кистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» таҳия ва пешниҳод гардидааст. Лоиҳа бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 - уми декабри соли 2021 таҳти №988 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Дар мувофиқа бо субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз 123 таклифи пешниҳодкардаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 таклиф қабул, 101 таклиф қисман қабул ва 2 таклиф қабул нагардид.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба талаботи моддаи 38-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС**: -Сухан ба муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳсинзода Ғафур Муҳсин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғаффор МУҲСИНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки мутобиқ ба талаботи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, пешниҳод шудааст.



Бо мақсади мукаммал гардонидани Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини мутобиқати меъёр ба қонунгузории амалкунанда, аз байн бурдани камбудиҳои ҷойдошта дар кодекси мазкур ва мукаммал намудани меъёрҳо ва мафҳумҳои дар кодекс пешбинишуда лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардидааст. Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромӣ бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** -Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 24-уми ноябри соли 2023 озмуни №13-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодӣ» дар шаҳри Душанбе | ш. Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ - 41 | масоҳати 14 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 1 | савдо | 9600 | 1 сол |
| 2 | Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 41 | масоҳати 61,05 м$^2$ аз ҳисоби бинои чойхона | савдо | 6480 | 1 сол |
| 3 | Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» | ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ - 125 | масоҳати 3,6 м$^2$ аз ҳисоби шуъбаи алоқаи №3 | хизматрасонӣ | 1500 | 1 сол |
| 4 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №16 бо масоҳати 17 м$^2$ аз ҳисоби бинои №32А | утоқи корӣ | 7200 | 1 сол |
| 5 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ» - и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №29 бо масоҳати 50 м$^2$ аз ҳисоби бинои №34А | анбор | 17280 | 1 сол |
| 6 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №8 бо масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои №32А | утоқи корӣ | 11472 | 1 сол |
| 7 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №6 бо масоҳати 17 м$^2$ аз ҳисоби бинои №32А | утоқи корӣ | 11064 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 59 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудудҳои марказ | барои гузоштани таҷҳизотҳои маблағгузаронӣ | 6820 | 1 сол |
| 9 | Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон | ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ- 8 | масоҳати 28 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди ҳавлии бино | маъмурӣ | 5880 | 1 сол |
| 10 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ» | ш. Душанбе, к. Саноӣ- 33 | масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | хизматрасонӣ | 8100 | 1 сол |
| 11 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нафту газ» | ш. Душанбе, к. Мушфиқӣ -77 | масоҳати 11,5 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 2280 | 1 сол |
| 12 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш. Турсунзода | масоҳати 6220,54 м$^2$ аз ҳисоби бинои сехи истеҳсоли масолеҳи тефлонӣ, воқеъ дар РМУ-3 | истеҳсолӣ | 74648 | дар асоси банди 15 ҚҲҲТ №537 аз 2-юми ноябри соли 2011 бинобар сабаби таъмирталаб будани объекти иҷора ва гузаронидани таъмир, мӯҳлати иҷора 1 солу се моҳ, 6 моҳ аз пардохти маблағи иҷора озод, дигар моҳҳо, бо дарназардошти пардохти маблағи иҷора ба иҷора супорида мешавад |
| 13 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ - 16 | масоҳати 106 м$^2$ аз ҳисоби бинои анборхона | истеҳсолӣ | 10000 | 3 сол |
| 14 | Муассисаи давлатии «Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраев» | ш. Душанбе, к.Сино - 43 | масоҳати 64 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | хӯроки умумӣ | 10680 | 2 сол |
| 15 | Муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии «Энсиклопедияи миллии тоҷик» | ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев - 17 | масоҳати 47 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | савдо | 5400 | 3 сол |
| 16 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нафту газ» | ш. Душанбе, к. Мушфиқӣ - 77 | масоҳати 96 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 10200 | 3 сол |
| 17 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х.С. Шерозӣ - 16 | масоҳати 28 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | маъмурӣ | 8280 | 2 сол |
| 18 | Корхонаи воҳиди давлатии «Филузоти нодири Тоҷикистон» | ш. Бӯстон, к. Опланчук - 12 | масоҳати 2 га аз ҳисоби ҳудуди Ташкилоти таъминоти комплексионии истеҳсолоти корхона | истеҳсолӣ | 180200 | 3 сол |
| 19 | МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» | ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 28 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои таълимии №1, воқеъ дар микроноҳияи 26, х. И. Сомонӣ | савдо | 4514 | 3 сол |
| 20 | МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» | ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 20,7 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди қафои бинои таълимии №2 | савдо | 2485 | 5 сол |
| 21 | Донишгохи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1 | масоҳати 75,4 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои таълимии №3, воқеъ маҳаллаи 27 | хӯроки умумӣ | 4977 | 3 сол |
| 22 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1 | масоҳати 4,5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бинои таълимии №1 | савдо | 640 | 3 сол |
| 23 | Корхонаи давлатии кишоварзии «Палос»-и Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, шаҳраки Палос, кӯчаи Ваҳдат - 1 | масоҳати 1386 м$^2$ №13,14 | истеҳсолӣ | 8316 | 3 сол |
| 24 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев - 63/3 | масоҳати 8,28 м$^2$ аз ҳисоби бинои таълимии №3 | савдо | 2520 | 3 сол |
| 25 | КВД «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 48 | масоҳати 27 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бинои марказ | маъмурӣ | 4400 | 3 сол |
| 26 | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода | ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев - 17/6 | масоҳати 420 м$^2$ аз ҳисоби бинои ошхона | хӯроки умумӣ | 22716 | 3 сол |
| 27 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И.Сомонӣ - 59 | масоҳати 30 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бинои №4 | савдо | 7800 | 5 сол |
| 28 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ | ш. Душанбе, х. академикҳо Раҷабовҳо - 10 | масоҳати 235 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои донишгоҳ | хӯроки умумӣ | 12000 | 3 сол |
| 29 | Раёсати Бозрасии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 69 | масоҳати 40,4 м$^2$ аз ҳисоби бинои иловагии дидбонгоҳи 27-ум км воқеъ дар шоҳроҳи Душанбе-Турсунзода | савдо | 8500 | 1 сол |
| 30 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. М. Турсунзода - 31 | масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби даромадгоҳи бинои гинекологӣ | савдо | 6960 | 1 сол |
| 31 | Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров | ш. Хуҷанд, кӯчаи Репин - 60 | масоҳати 8,21 м$^2$ аз ҳисоби бинои коллеҷ | савдо | 4845 | 1 сол |
| 32 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. М. Турсунзода - 31 | масоҳати 8 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | савдо | 6000 | 1 сол |
| 33 | Институти чорводорӣ ва чарогоҳ | ш. Душанбе, Гипрозем - 17 | масоҳати 142,3 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | маъмурӣ ва савдо | 12000 | 1 сол |
| 34 | Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/1 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. М. Турсунзода - 140 | масоҳати 29 м$^2$ аз ҳисоби бинои дохилии тавқифгоҳи тафтишотӣ | савдо | 6264 | 3 сол |
| 35 | Муассисаи тафтишотии ЯТ 9/2 Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд, маҳаллаи 14-ум, минтақаи боло | масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои дохилии муассиса | савдо | 5128 | 3 сол |
| 36 | Тавқифгоҳи тафтишотии 9/7 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Бохтар, к. С. Айнӣ | масоҳати 42 м$^2$ аз ҳисоби бинои дохилии тавқифгоҳи тафтишотӣ | савдо | 9072 | 3 сол |
| 37 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. Шерализода - 17а | масоҳати 40 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои литсей | савдо | 8000 | 3 сол |
| 38 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 59 | масоҳати 95 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бинои №6 | хизматрасонии тиббӣ | 18000 | 5 сол |
| 39 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббӣ - судӣ» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 59а | масоҳати 18 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | савдо | 5400 | 3 сол |
| 40 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к. М. Турсунзода - 31 | масоҳати 18 м$^2$ аз ҳисоби назди даромадгоҳи асосӣ | савдо | 4320 | 3 сол |
| 41 | Донишкадаи давлатии санъати тасвир ва дизайни Тоҷикистон | ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 31 | шипанг бо масоҳати 22 м$^2$, 46 м$^2$ аз ҳисоби ошхона ва масоҳати 556 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуд | савдо ва хӯроки умумӣ | 39600 | 3 сол |
| 42 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 59 | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бинои №6 | хизматрасонии тиббӣ | 4800 | 3 сол |
| 43 | Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи Тоҷик» | ш. Душанбе, к. Қутбӣ Киром - 1 | масоҳати 3 м$^2$ аз ҳисоби шуъбаи алоқаи почтаи №3 | савдо | 3300 | 1 сол |
| 44 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза» -и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев - 54 | масоҳати 1,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | хизматрасонӣ | 2400 | 1 сол |
| 45 | МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» | ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 18 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди қафои бинои таълимии №1 | савдо | 3300 | 2 сол |
| 46 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ» - и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №2 бо масоҳати 42 м$^2$ аз ҳисоби бинои №25А | истеҳсолӣ | 10080 | 2 сол |
| 47 | Маркази ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Кӯлоб | ш. Кӯлоб, к. Нонбои поён - 20 | масоҳати 313,33 м$^2$ аз ҳисоби бинои кӯҳнаи марказ | манзили зист | 700 | 1 сол |
| 48 | Маркази ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Кӯлоб | ш. Кӯлоб, к. Нонбои поён - 20 | масоҳати 313,33 м$^2$ аз ҳисоби бинои кӯҳнаи марказ | манзили зист | 700 | 1 сол |
| 49 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров | ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи боми бинои таълимии №2 | техникӣ | 4884 | 1 сол |
| 50 | Корхонаи фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои минтақаи 1- и вилояти Суғд | ш. Бӯстон, к. Гагарин - 28 | масоҳати 12 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди обанбори касабаи «Баҳористон», воқеъ дар н. Б. Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Хистеварз | техникӣ | 7200 | 1 сол |
| 51 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ - 16 | масоҳати 2 м$^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 2444 | 1 сол |
| 52 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои барқи шаҳри Душанбе» | ш.Душанбе, к. Деҳлавӣ - 4а | масоҳати умумии 126 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | хӯроки умумӣ | 10320 | 1 сол |
| 53 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов - 6/7 | масоҳати 60 м$^2$ анбори №65 аз ҳисоби бинои №36А | анбор | 14400 | 1 сол |
| 54 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов - 6/7 | масоҳати 62 м$^2$ анбори №28 аз ҳисоби бинои №40А | анбор | 14880 | 1 сол |
| 55 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов - 6/7 | масоҳати 34 м$^2$ утоқи кории №58 аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 8160 | 1 сол |
| 56 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №73 бо масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои №33А | анбор | 5760 | 1 сол |
| 57 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №22 бо масоҳати 54 м$^2$ аз ҳисоби бинои №19А | анбор | 12960 | 1 сол |
| 58 | Корхонаи воҳиди давлатии «Кохи афсарон» | ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Ниёзӣ - 54 | масоҳати 25,56 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи панҷуми бинои корхона | маъмурӣ | 4600 | 1 сол |
| 59 | Муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии «Энсиклопедияи миллии тоҷик» | ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев - 17 | масоҳати 25,2 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои маъмурии муассиса | хизматрасонии бонкӣ | 7560 | 1 сол |
| 60 | Корхонаи фаръии «Мурғпарварии Ваҳдат» | ш.Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Н. Розиқ, маҳаллаи Наврӯз | масоҳати 310 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | истеҳсолӣ | 20000 | 1 сол |
| 61 | Маркази ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Кӯлоб | ш. Кӯлоб, к. Нонбои поён - 20 | масоҳати 313,33 м$^2$ аз ҳисоби бинои кӯҳнаи марказ | манзили зист | 700 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел: 221-73-74, 221-33-66 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати **10$^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

## Проект «Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком

**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:**

**Ассистента по мониторингу и оценке**

Целью задачи является то, чтобы совместно со специалистом по мониторингу и оценке оказывать поддержку по мониторингу и оценке ГРП Министерства финансов, включая сбор, обработку и распространение важных данных и результатов проекта. Ассистент по мониторингу и оценке поможет определить роли и обязанности участников Проекта в сборе, анализе и передаче данных результатов проекта.

**Задача и объем услуг:**

- Надзор процедуры мониторинг и оценка данных Проекта, включая сбор, агрегирование, анализ соответствующих данных и передачу данных и результатов Проекта в соответствии со структурой результатов Проекта;
- Содействие в подготовке необходимых отчетов (например, квартальных отчетов на национальном уровне, полугодовых отчетов о ходе работы, годового отчета о ходе выполнения, среднесрочной оценки, отчета о завершении проекта и т.д.) для Всемирного банка, Минфина, и Правительства РТ;
- Содействовать специалисту по МиО, координатору и директору Проекта в подготовке информационных материалов по проекту (например, презентаций, пресс релизов и т.д.);
- Оказание помощи в проведении тренингов, разработки учебных материалов и практических рекомендаций по МиО (сбор данных, управление, анализ и т..) для персонала проекта, консультантов проекта и заинтересованных сторон проекта;
- Содействие в разработке базы данных мониторинга и поддержке внедрения национальной системы МиО в раннем возрасте;
- Оказывать техническую помощь в разработке программной структуры, планов и показателей для фиксации результатов реализации проекта и обеспечения эффективной, точной и своевременной мониторинговой оценки и отчетности по всем мероприятиям проекта;
- Оказание помощи в разработке, обзоре и обновлении «Руководства по МиО проекта», которое является частью оперативного руководства проекта и других документов, имеющих отношение в МиО;
- Любые другие задачи по согласованию с координатором проекта и директором проекта.

**Квалификационные требования и опыт работы:**

- Высшее образование в области образования, здравоохранения, экономики, политологии, управления природными ресурсами, бизнес-администрирования, имеющего отношение к МиО, а также управление проектами;
- Не менее двух лет соответствующего опыта работы в разработке и внедрении системы МиО проектов;
- Опыт в разработке руководства по МиО, составлении отчетов МиО, разработке планов реализации проектов будут преимуществом;
- Опыт проведения тренингов (и разработки соответствующих материалов, например, руководств, презентаций и т.д.) для различных аудиторий (например, сельского населения, государственных служащих и специалистов, неправительственных организаций);
- Требуются навыки работы с компьютером (MS office: Word, Excel, Power Point, электронная почта, интернета и т.д.), опыт создания и обслуживания баз данных (на уровне пользователя);
- Опыт разработки и проведения опросов, сбора и анализа данных является преимуществом;
- Знания об образовании, здоровье, развитии на уровне сообщества будут преимуществом;
- Свободное владение письменным и устным таджикским и русским языками; хорошее владение английским является преимуществом.

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

- Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя директора проекта Маджиди ЮХ. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его / ее квалификации на эту должность;
- Подписанное и датированное резюме (CV) на русском и английском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;
- Копия диплома и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;
- Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

Крайний срок подачи документов до **10 ноября 2023 г., 16$^{00}$** по местному времени.

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД при МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: jobs.info@ecdp.tj
Tel: (+992) 37 221-06-91
Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо.

Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование (если собеседование запланировано) и оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2022 ба Шарифов Далер додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0553968, РЯМ 0430340369, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 18-уми октябри соли 2022 ба Одинаева Рухшона Бурҳоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №1104369, ки онро Литсейи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе соли 2020 ба Маҳмадов Муҳаммаддовуд Сулаймонҷонович додааст, бинобар хатогии техникӣ, эътибор надорад.

✓ Мошинаи гумшудаи назорати хазинавӣ - фискалии «МИКРО 105Ф» таҳти №0171767-и мағозаи хӯрокворӣ, мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ, Меҳробӣ Қурбоналӣ (РЯМ 0331271234), эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқии истифодаи замини силсилаи А № 0179932, ки онро КДФ «БММҒ»-и ноҳияи Қубодиён бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин, деҳаи Фароғат ба Эгамбердиев Абдумумин Хужамбердиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба моликият таҳти №7хм-11, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 9-уми августи соли 2019 ба Бабаев Шавкат додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда бо РЯМ 0430317975, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 9-уми апрели соли 2021 ба Хушвахтов Рустам Назаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и ноҳияи Файзобод 9-уми августи соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Файзобод, деҳаи Ҷонварсӯз ба Шарипов Азиз додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда бо РМА 065061872, РЯМ 0630013735, ки онро Нозироти андози шаҳри Роғун 20-уми апрели соли 2017 ба Раҷабова Шарофат додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК №0044593-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Ёвон 3-юми декабри соли 2010 бо қайди 3215 ба Асоева Адиба Давлатовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти №1Ш-1672, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 25-уми декабри соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳ. Назаров, хонаи 194 ба Қодирова Гулдаста Абдулхафизовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 21-уми майи соли 2010 бо суроғаи ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Шодӣ, хонаи 45 ба Меликов Бадриддин Ғоибович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Муддасир 2015», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0266641 бо РЯМ 0410027173 ва РМА 040047834 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 13-уми феврали соли 2015 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Ваҳдат 2017», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0280094 бо РЯМ 0310018849 ва РМА 030030365 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 22-юми ноябри соли 2017 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 1 ноябри соли 2023, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34485 нусха*

Навбатдорони шумора
Ш. Атобуллоев ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97